НАШРИЁТИ «АДИБ»



КУЙБЕК ШАРИФЗОДА

# ТАРОНАҲОИ ДАРЁ

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ш-66

Муҳарир *Зиё Абдулло*

Ш-66 **Куйбек Шарифзода. Таронаҳои дарё** *(шеърҳо)*.
– Душанбе, «Адиб», 2014, 80 саҳ.

Куйбек аз дастпарварони доираи адабии Бадахшон буда, покии дили мардуми ин баландиҳои зебо аз шеърҳои ӯ рӯнамоӣ доранд.

ISBN 978-99947-2-408-6

© Нашриёти «Адиб» , 2014

## ДАВЛАТИ ҶОВИДОНИ МО

Давлати ҷовидони мо,
Роҳати ҷисму ҷони мо,
Файз ба хонадони мо,
Ваҳдати ҷовидон бувад.

Равшании чароғи мо,
Сабзаи боғу роғи мо,
Марҳами дарду доғи мо,
Ваҳдати гулфишон бувад.

Қувват мо, мадори мо,
Хубии рӯзгори мо,
Фасли гулу баҳори мо,
Ваҳдати бехазон бувад.

Давлати мо, Ваҳдати мо,
Меҳнати мо, роҳати мо,
Хислати мо, одати мо,
Ваҳдати олишон бувад.

Нур ба дидаҳои мо,
Гуфту шунидаҳои мо,
Шаҳду чашидаҳои мо,
Ваҳдати дилситон бувад.

Байту таронаҳои мо,
Чангу чағонаҳои мо,
Нур ба хонаҳои мо,
Ваҳдати ҷовидон бувад.

## НУРИ ВАҲДАТ

Ҷамоат босафо аз нури Ваҳдат,
Замона пурҷило аз нури Ваҳдат.

Шуда кошонаи тоҷик равшан,
Ҳама ҷо пурзиё аз нури Ваҳдат.

Зи дилҳо кинаю буғзу ҳасад рафт,
Мунаввар ҳар куҷо аз нури Ваҳдат.

Ба Хатлону Зарафшону Бадахшон,
Ҳама файзу сахо аз нури Ваҳдат.

Ватан аз нури Ваҳдат нур бигрифт,
Шуда дардаш даво аз нури Ваҳдат.

## ХОНАМ САНОИ ВАҲДАТ

Сад шукри Ваҳдати мо, хонам санои Ваҳдат,
Бахту саодати мо, хонам санои Ваҳдат,

Ҳар субҳ аз дилу ҷон, бо пиру бо ҷавонон,
Бо фарди миллати мо хонам санои Ваҳдат.

Аз нури Ваҳдати мо, ҳар гӯша шуд гулистон,
Ин аст ҳикмати мо, хонам санои Ваҳдат,

Мо насли ориёнем, хушбахти ин ҷаҳонем,
Ин аст қимати мо, хонам санои Ваҳдат.

Бадхоҳи ин Ватанро аз роҳ дур созем,
Ин аст хизмати мо, хонам санои Ваҳдат.

Сад шукри Тоҷикистон, сад шукри боғу бӯстон,
Ин ҷост роҳати мо, хонам санои Ваҳдат.

## ТОҶИКИСТОН

Бӯи гул меояд аз гулзори ту,
Бар машомам аз баҳорат, эй Ватан.
Ҳастии ту ҳастии ман будааст,
Тоҷикистон, аз туям ман, ту зи ман.

Лола хезад аз сари ҳар санги ту,
Ранги гул бигрифта боғи нанги ту,
Бишнавам аз ҳар тараф оҳанги ту,
Тоҷикистон, аз туям ман, ту зи ман.

Риштаи ҷонам бувад пайванди ту,
Ҳар куҷо бошам хаёлам банди ту,
Камтаринам, камтарин фарзанди ту,
Тоҷикистон аз туям ман, ту зи ман.

Бо баҳори гулфишонат ошиқам,
Ман ба он гулдухтаронат ошиқам,
Тоҷикистон, аз туям ман, ту зи ман.
Бо хурӯши рӯдҳоят зиндаам,

## ШИРИНИ МО АЗ ДАҲР РАФТ

Эй дареғо, аз ҷаҳон як шоири фарзона рафт,
Мард буду бо ҳама мардонагӣ мардона рафт,

Аз баландиии Бадахшон ӯ ба олам шеър гуфт,
Шоири ширинсухан бо ҳикмати дурдона рафт.

Монд аз ӯ ёдгоре боғи сарсабзи адаб,
Масти шеъру шоирӣ Ширини мо мастона рафт,

Мо ҳама, шогирдҳои ӯ, давоми умри ӯ,
Во дареғо, во дареғ устоди мо аз хона рафт.

Шоҳи Тирандоз шуд андар фиғон аз марги ӯ,
Нолае дардода гуфто: Оқили фарзона рафт.

Қуллаи Зартеғ хун гиряд зи марги шоираш,
Ашкрезон гӯяд, оре, шоири якдона рафт.

Нолаҳоям дар гулӯ печидаанд аз марги ӯ,
Ташнагони шеър монду ӯ аз ин кошона рафт.

Бар сари мо соябоне буд монанди падар,
Кард ӯ моро ятиму ҷониби ҷонона рафт.

Ин Шарифӣ нола дорад чун падаргумкардаҳо,
Нолаю афғонкунон рӯ ҷониби ғамхона рафт.

## КӮҲИ ПОБАРҶОСТ ИСТИҚЛОЛИ МО

Ваҳ, чӣ хуш зебост, Истиқлоли мо,
Чун гули раъност, Истиқлоли мо.

Ман ба ҳифзаш ҷони худ созам нисор,
Аз ҳама болост Истиқлоли мо.

Дил ба васфи ӯ ҳамегӯяд сухан,
Сайқали дилҳост Истиқлоли мо

Фаҳр дорам аз чунин иқболи хуш,
Раҳбари фардост Истиқлоли мо.

Навшукуфта ғунчаҳо гул мекунанд,
То чаманпирост Истиқлоли мо.

Неъмати волотарини халқи мо,
Дар ҷаҳон яктост Истиқлоли мо.

Лаълу марҷонро набошад қиммате,
Гавҳари дарёст Истиқлоли мо.

Меҳри ӯ чун меҳри меҳан дар дилам
Дар ниҳоди мост ҷост Истиқлоли мо.

Ҳеҷ гаҳ дигар намеёбад завол,
Кӯҳи побарҷост Истқлоли мо.

## БАЙТИ АБРУЯТ

Ҳар замон хонда байти абруят,
Мезанад бол мурғи илҳомам.
Даст нобурда ман ба дасти ту,
Дар ҳама рӯи даҳр бадномам,

Қиссаҳое ба мӯйи ту бофам,
Тора-тора ба дафтари умрам,
Шодии ман зи дидани рӯят,
Дарди дилро диҳӣ даво ҳар дам,

Бин хаёлоти ман парешон аст,
Мисли он тораҳои зулфонат,
Аз бари кӯҳ чинда дастагуле,
Ораму резамаш ба домонат,

Хоб бар чашми ман намеояд,
Бо хаёли ту шаб саҳар гардид.
Оҳу во гуфта нола мекардам,
Ғайри ман нолаам касе нашунид,

Интизорам, ки ту шабе оӣ,
Ба ту афсонаҳои худ гӯям,
Зулфи шӯҳат гирифта бар кафи даст,
Чун гули шом нармакак бӯям,

Ман гиреҳҳои зулфакони туро,
Мекушоям ба хилвати шабҳо
Бӯсаҳои ту бас аҷаб ширин,
Бӯсаҳои гирифта аз лабҳо,

Ман ба ёди ту зиндаам дар даҳр,
Моҳи ман, нозанини ғоронӣ,
Ба ту ман рози дил ҳамегӯям,
Ҳамрадифи шабони боронӣ.

## ДАР ИН ШАҲР

Дар ин шаҳр аз ҳама ғавғою ғавғоҳо гурезонам,
Дар ин шаҳр аз ҳама савдою савдоҳо гурезонам,

Дар ин ҷо шеъри Ширин чун асое муттакои ман,
Дар ин ҷо аз ҳавои беҳавоиҳо гурезонам.

Чу хонам шеъри Лаълҷуба фараҳ бар дил биофзояд,
Дар ин шаҳр аз садою бесадоиҳо гурезонам

Суруди Майсара ин ҷо маро болу паре бахшад,
Дар ин ҷо аз навои бенавоиҳо гурезонам.

Дар ин ҷо савти «Даргилик» ба гӯшам хуш садо бидҳад,
Дар ин ҷо аз вафою бевафоиҳо гурезонам.

Дар ин ҷо чашмаи Хуфак чу калби ман ҳамеҷӯшад,
Дар ин ҷо аз садои рӯду дарёҳо гурезонам.

Дар ин ҷо меҳр бастам ман ба шеъру шеър мегӯям,
Дар ин шаҳр аз ҳавои сарду боронзо гурезонам,

Дар ин ҷо дил бидодам ман ба як маҳрӯи шуғнонӣ,
Аз ин кӯҳу аз ин барзан, аз ин дунё гурезонам.

## ЁРИ РАМИДАИ МАН

Хуш омадӣ, ку биншин ёри рамидаи ман,
Ҷои ту бошад, эй ҷон, болои дидаи ман.

Рафтӣ ту аз канорам беҳолу бемадорам,
К-аз дил ба дида омад хуни дамидаи ман.

Ноошноӣ кардӣ, аз мо ҷудоӣ кардӣ,
Бингар ба ҳоли зорам, ранги паридаи ман.

Гар дарди дил бигӯям олам ҳама бисӯзад,
Бар ҳеҷ кас нагӯед ҳарфи шунидаи ман.

Дурии васлат , эй ҷон, моро чи пир карда,
Ин шуд гувоҳи ҳолам қадди хамидаи ман.

Ҷуз меҳри ту ба сина ишқи дигар нағунҷад,
Биншин даме канорам, эй нури дидаи манн

Сад ноз ишва дорӣ , ваҳ чӣ карашма дорӣ,
Ту нозу мекунӣ ноз, кокулбуридаи ман,

То кай зи ғам бисӯзад бечора ин Шарифӣ,
Шав марҳами дили ман, ёри рамидаи ман.

## БОДОМ ГУЛ КАРДУ

Бодом гул карду шукуфт, гул карда бодомо, салом,
Он ёри хушномам расид, эй ёри хушномо, салом.

Аз бода сармастӣ кунем, сармастии ҳастӣ кунем,
Эй соғари минои хуш, эй бодаву ҷомо, салом.

Он дилбари раъно гузашт, он моҳи навпайдо гузашт,
Бигрифта шаҳд аз коми ӯ, чун ёри хушкомо, салом.

Оғози ишқи ман туӣ, парвози ишқи ман туӣ,
Ин аввалу ин охиру оғозу анҷомо, салом.

Маст аз майи ангур ман, дилхастаю ранҷур ман,
Ҳам боданӯшу бодадеҳ, ҳам хосу ҳам омо, салом.

Гаҳ субҳ бо ту хуш бувад, гоҳ шом бо ту хуш бувад,
Ваҳ-ваҳ дилангез аст ин, ҳам субҳу ҳам шомо салом.

Ман омадам дар хонаат то бишнавам афсонаат.
Аз хонаю даҳлези ту, то равзану бомо, салом.

Мурғи дилам побанди ту, аз ҳилаю аз фанди ту,
Бо ошиқи дилхаста гӯ, эй мурғи дар домо, салом.

## ШОИР

*(Ба устод Ширин Бунёд)*

Чаро хотирпароешону малолӣ ,
Чаро хомӯшу сархам меравӣ роҳ,
«Ба ёди кист ин сӯзи дарунӣ»,
Чаро афсӯс хӯрда мешавӣ оҳ.

Ту оё бо хаёли ишқи хубон,
Ҳамсӯзӣ шабу рӯзон дар оташ.
Ва ё гаштӣ ҷудо аз дӯстдорат,
Туро монда миёни обу оташ.

Ҷавобам гӯ, аё марди хаёлӣ.
Ба дардат то биёбам ман давое.
Ва ё бо нолаи сетору танбӯр
Ба дармонат кушоям ҳам, навое.

Намеёбӣ давоям, гуфт шоир,
Табобот кардани ин дард мушкил.
Намесӯзам ба ёди гулнигоре,
На фикре бар сарам аз ёри хушгил.

Маро ҳамдам бувад танҳо дили ман,
Ба ғайри ӯ гули хушрӯ надидам.
Арӯси нозанинам шеъри рангин,
Ба сад заҳмат, ба сад ранҷ офаридам.

## НУРИ РОҒУН

Диёрам пурзиё аз нури Роғун,
Ба дил сидқу сафо аз нури Роғун.

Шавад кошонаи тоҷик равшан,
Ҳама ҷо пурҷило аз нури Роғун.

Шуда майдони ҳарбу зарб ин ҷо,
Сафои дидаҳо аз нури Роғун.

Ба қалби мост меҳри Тоҷикистон,
Мунаввар қалбҳо аз нури Роғун.

Бувад уммеди фардои ману мо,
Ба дил бигрифта маъво нури Роғун.

Зи Риштон то ба Хатлону Бадахшон,
Бигардад босафо аз нури Роғун.

Ду чашми хирабинон нур гирад,
Дурахшон дидаҳо аз нури Роғун

Шуда вирди забони халқи олам,
Бувад машҳури дунё нури Роғун.

Чунон боҳиммат аст он садри кишвар,
Барад моро ба фардо нури Роғун

Сано гӯям ба он нурофаронаш,
Садо ояд: Сано бар нури Роғун.

## ХАЗОН ҲАРГИЗ НАБИНАД

Баланд аст аз ҳама номи муаллим,
Бинӯшем об аз ҷоми муаллим .

Хазон ҳаргиз набинад рӯзгораш
Ҳаме ширин шавад коми муаллим.

Зи илму маърифат ӯ баҳравар кард,
Касе ояд сари шоми муаллим.

Ҳама панду насиҳат кору бораш,
Зи аввал то ба анҷоми муаллим.

Чунон меҳраш ба сина ҷо гирифта,
Ҳамеша дар забон номи муаллим.

Баландӣ дар ҷаҳон дигар набошад,
Расад то Каҳкашон боми муаллим.

Басо ӯ хомҳоро пухта карда,
Ҳамеша пухтадон хоми муалллим.

Ба дида хоки пояш сурма созем,
Ба ҷо орем икроми муаллим.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ШАМСИДДИН ШОҲИН

Ман ба дар кардаам аз сар ҳама расвоиро,
Дур кардам зи барам дилбари ҳарҷоиро
Бари худ мекашам он хосаи шайдоиро,
«Ман ки дар пойи ту кардам сари савдоиро,
Бохтам дар сари савдои ту муллоиро»

Ту ба ботин бингар, ҳеҷ мабин зоҳири ман,
Туӣ, эй моҳҷабин, ҳамдами ман, шотири ман.
Ишқи ту ҳаст ҳаме дар ду ҷаҳон фохири ман,
«Бурд завқи лаби ширини ту аз хотири ман,
Фикри дарсу тамаи лаълии ҳалвоиро»

Раҳм кун бар мани ошиқ, ту бикун роз ки ман,
Дилтапак ҳамчу кабӯтар шуда ҳамсоз, ки ман,
Ба дари Арш кашам пардаи овоз, ки ман,
«Дамаке аз рухи худ парда барандоз, ки ман,
Аз рухат об диҳам чашми тамошоиро»

Булбулу боғ ба шаккардаҳанӣ машҳур аст,
Ҳофизам низ ба ширинсуханӣ машҳур аст,
Нафаси ёр ба ширинчаманӣ машҳур аст,
«Табъи Шоҳин, ба ширинсуханӣ машҳур аст,
Ҳама аз лаъли ту омӯхт шакархоиро.

## ПАЙВАНДИ ҚАРНҲО

Мо шохаи ориёна нашкастем,
Бо шохаи ориёӣ пайвастем
Бо аслу нажоди хештан дилбастем,
Садҳо дари ғамро ҳамагӣ барбастем.

Аз қарн ба қарн насли мо омадааст,
Аз аср ба сар асли мо омадааст.
Аз зарбу лати давр набишкаст гуҳар
Аз фасл ба фасл васли мо омадааст.

Мо аслу нажоди хешро ёд кунем,
Бо ёди гузаштаҳо диле шод кунем.
Фахрем ба насли тозаи хеш ҳаме,
Дарду ғами халқи хеш барбод кунем.

Мо наслу нажодӣ ориёӣ дорем,
Мо дар ҳама даҳр хушнавое дорем,
Пайваста ба асли хеш мо менозем,
Аз шохаи насл кай ҷудоӣ дорем.

## БОДУ ҲАСТ

*Ғунча аз шарми рухат сар дар гиребон боду ҳаст,*
*Мавҷи гул аз ҷилваат дар худ ҳаросон боду ҳаст.*
*(Абдулҳамад Адо)*

Гул зи шарми оразат дар боғ хандон боду ҳаст,
Булбул аз шавқи лабат дар шох ҳайрон боду ҳаст.

Шона бар гесӯ задӣ, шуд гесувонат тор-тор,
Бод аз зулфи парешонат гурезон боду ҳаст.

Ончунон оҳе кашидӣ сабзаи тар даргирифт,
Абр дар гардун зи оҳат дидагирён боду ҳаст.

Нағмаҳои дилфиребат дар дили дарё расид,
Мавҷи дарё ҳар замон дар худ ғазалхон боду ҳаст.

Ҳамчу булбул нағма дорам дар чаман аз ишқи гул,
Дил даруни синаам аз шавқ рақсон боду ҳаст.

Ончунон оташ задӣ бар синаам, эй бевафо,
Дуди оҳам дар фалак пайваста печон боду ҳаст,

Ранги сад парвона месӯзам зи ишқи он парӣ,
Шамъи рӯям шуълавар андар шабистон боду ҳаст.

Чун Адо дорад Шарифӣ оташи дил дар забон,
Мисраи рангини ӯ лаъли Бадхшон боду ҳаст.

## БАҲОРИ НУР АСТ БАҲОРИ РОҒУН

Баҳори нуро, баҳори Роғун,
Биё равемо диёри роғун

Биё, ки ин ҷо шавад Зарафшон,
Биё нигоро, канори Роғун

Дасто ба дасте равем бо ҳам
Мададрасонӣ ба кори Роғун

Чӣ хуш сарояд ба боғу гулшан,
Ба васфи нураш, ҳазори Роғун

Шавад дурахшон шабони Роғун
Зи нури Роғун, зи кори Роғун

Ба бахти халқам Ватан шуд обод,
Шавад чароғон зи нори Роғун,

Сухан бигӯям ба васфи нураш,
Шарорабори шарори Роғун

Шарифӣ аз ҷон ғазал бигӯяд,
Ба васфи нуру баҳори Роғун.

## ДУНЁИ РОҒУН

Дурахшон мешавад фардои Роғун,
Дигаргун мешавад дунёи Роғун.

Дар ин ҷо нури нав тавлид гардад,
Дилу ҷонам шавад шайдои Роғун.

Ба пойи Вахш завлона бубанданд.
Диҳад нури фузун дарёи Роғун

Дар ин ҷо рӯзу шаб кор аст дар ҷӯш,
Бубинемо ҳама эҳдои Роғун

Ватан аз нури Роғун нур гирад,
Гулистон мешавад ҳар ҷои Роғун,

Дар ақсои ҷаҳон боло набошад,
Фаротар аз сари болои Роғун,

Ҳама мардони бонангад ин ҷо,
Гулафшон мешавад фардои Роғун.

Ҳама савдои олам аз сарам рафт,
Чу бар сар омадам савдои Роғун,

Матои оламиро қимате нест,
Аҷаб пурқимат ин колои Роғун.

Бифахрам ҳамчу тоҷик ман дар ин даҳр,
Ҳамеша бо сари волои Роғу.

Агар сад достони нав бигӯем,
Куҷо ҳам мерасад бар пои Роғун.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон кишвари озоду одоби ман аст,
Тоҷикистон маскани аҷдоду авлоди ман аст.

Фахр дорам бо чунин зебо Ватан дар рӯй даҳр,
Тоҷикистон раҳнамою хатти иршоди ман аст.

Ман ба Хатлону Зарафшону Бадахшон зиндаам,
Бо Бадахшон фахр дорам, мулки ободи ман аст.

Кӯр бодо чашми душман аз рухи зебо Ватан,
Ҷон ба ҳифзаш медиҳам, ӯ тахту бунёди ман аст,

Шукри Истиқлол гӯям шукри ободии мулк,
Дар канораш шоду хуррам халқи дилшоди ман аст.

Гаштааст обод инак марзу буми ин Ватан,
Васфи ӯро месароям баҳри эҷоди ман аст.

Тоҷикистон, гулшанӣ доимбаҳорам шод бош!
Раҳбари ту сулҳпарвар фахри аҷдоди ман аст.

## ЭЙ МАҲИ ҒОРОН

Эй маҳи дилҷӯи Ғорон шод бош,
Дилбари хушрӯи Ғорон шод бош,

Ҳар ду абрӯят ба ҳам пайвастаст,
Эй камонабрӯи Ғорон шод бош.

Дар бари кӯҳ лолаҳо ранги ба ранг,
Баҳри ман хулбӯи Ғорон шод бош.

Нест монандат гули хушрангу бӯ,
Дилбари хушбӯи Ғорон шод бош.

Шуд Шарифӣ аз ғами ту дилфигор,
Маҳваши хушрӯи Ғорон шод бош.

## ЧИЛБОФТ КОКУЛИ ТУ

Зебандаи ҷаҳон аст,
Ороми ошиқон аст,
Аз шом як нишон аст,
Чилбофт кокули ту.

Ҳар тора зулфаконат,
Печида то миёнат,
Ин аст як нишонат,
Чилбофт кокули ту.

Зулфони ту дарозанд,
Бо мелаи ту созанд,
Ҷонро ҳамегудозанд,
Чилбофт кокули ту.

Он кокулони зебо,
Афтода то паси по,
Моро намуда шайдо,
Чилбофт кокули ту.

## ЭЙ МАҲИ ДАРВОЗ

Эй маҳи Дарвоз, саломун алайк,
Дилбари танноз, саломун алайк.

Мисли ту гул нест ба рӯи замин,
Ҳамдаму ҳамроз, саломун алайк.

Чарх бизан, эй маҳи Дарвози ман,
Чарх барандоз, саломун алайк.

Аз ҳама хубони ҷаҳон беҳтарӣ,
Маҳваши дилбоз, саломун алайк.

Ҳусну ҷамоли ту бибурд дилам,
Ҳастӣ ту дамсоз, саломун алайк.

Гуфта Шарифӣ ғазали ишқи ту,
Эй маҳи Дарвоз, саломун алайк.

## ТО КИ ҲАСТАМ…

Маҳлико, боз о ки оғӯшат кунам,
Гӯшвори меҳр дар гӯшат кунам.

Меҳри ту дар синаам биншастааст.
То ки ҳастам кай фаромӯшат кунам,

Мушкиле нози бутон бардоштан,
Ваҳ гарон борест бар дӯшат кунам,

Ташнаам ман ташнаи дидори ту,
Ҳамчу оби чашмаҳо нӯшат кунам.

Ишқ моро карда Маҷнуни саро,
Ман зи сӯзи сина мадҳушат кунам.

Валвала андохтӣ дар мулки дил,
Ман ба як афсуна хомӯшат кунам.

Гуфта будӣ ишқ дар сина бимурд,
Ман ба меҳри қалб пурҷӯшат кунам.

Аз матои ишқ пироҳан диҳам,
Ай азизи дил қабопӯшат кунам…

## ДАР ИН ДУНЁ

Дар ин дунё дили дарё надорам,
Дар ин савдо, сари савдо надорам.

Матои ишқи мо афсурда гардид,
Дареғо ки дигар коло надорам.

Гули уммед дар боғам хазон шуд,
Ба боғи дил дигар гулҳо надорам.

На аз кас бим дорам, на ҳаросе,
Дигар бо кас сари ғавғо надорам.

Манам дилбанди кӯҳистони хешам,
Ки майли рафтани ҳар ҷо надорам.

Ҳама дунёи ман дунёи ишқ аст,
Дар ин дунё дигар дунё надорам

Ба ҷонам дӯст дорам Тоҷикистон,
Ба мислаш кишвари воло надорам.

Ҳамефахрам дар олам бо Ватан ман,
Ватан дорам, дигар парво надорам.

Агар афтам ҷудо дур аз Ватан ман,
Чу кӯрон дидаи бино надорам.

Барои ту, аё шаҳнозаи ҳусн,
Ба ҷуз ишқам дигар савғо надорам.

Туӣ пайванди ҷонам, духти Ғорон,
Магӯ ки ошиқи шайдо надорам.

Туӣ ғамхору ғампарвар бароям,
Ғами имрӯзу фардоро надорам,

Шарифӣ, дар Ватан ман хок гардам,
Ба ҷуз хоки Ватан маъво надорам.

## БАҲОРЕ БУД

Бигзашта шуд ҷавонӣ аз худ хабар надорам,
Бар олами ҷавонӣ роҳи гузар надорам.

Монанди оби дарё андар шитоб умр аст.
Ғайр аз ғами замона кори дигар надорам.

Ман рози дил бигӯям бо нозанини Ғорон,
Ҷуз меҳри ӯ ба олам меҳри дигар надорам.

Номардии ду-се тан афсурдаам намудаст,
Ҷуз макру доми инон савдои сар надорам,

Маҳбубаи дили ман бошад нигори Ғорон,
Ҷуз бар ҷамоли он ёр бар кас назар надорам.

## ҒАМ МАХӮР

Рӯзгори нав биёяд, ёри ҷонӣ, ғам махӯр,
Зиндагӣ пурпечутоб, аз зиндагонӣ ғам махӯр.

Хуш нишин андари лаб ҷӯ булбулонро гӯш деҳ,
Андалебони чаман дар нағмахонӣ, ғам махӯр.

Дар хазон чун гул бихушкад тангдил ҳаргиз машав,
Мешавад гул дар баҳорон арғувонӣ ғам махӯр,

Умр ҳамчун оби дарё дар шитобу дар шитоб,
Шод бошу шодмон зӣ, дар ҷавонӣ ғам махӯр.

Тангдил ҳаргиз машав аз ҳар чӣ ояд бар сарат,
Бигзарад неку баду ҳам нотавонӣ, ғам махӯр.

Тирагиҳои замон бигзашту омад рӯзи нав,
Шукри ин сулҳу амонӣ, ёри ҷонӣ, ғам махӯр.

Гуфта будӣ барфу борон ларза дар ҷонам ниҳад,
Мерасад фасли гулу ҳам гулфишонӣ, ғам махӯр,

Гардиши ин чархи гардун нотавонат кардааст,
Боз ёбӣ ишрату ҳам комронӣ ғам махӯр

Ғам махӯр з-он ки т уро як-ду ҳасуде бад бигуфт,
Эй Шарифӣ дар канори дӯстонӣ, ғам махӯр.

Гар ту касро дӯст дорӣ, дӯст медорад туро,
Хушсухангӯ бошу мекун хушзабонӣ, ғам махӯр.

# ВАТАН

Ай Ватан, ман бо баҳорат зинндаам,
Бо суруди обшорат зиндаам.
Бо навои рӯдҳои дилфиреб,
Бо ҳавои кӯҳсорат зиндаам.
Меҳри ту дар сина маъво кардааст,
Ман ба дашту лолазорат зиндаам.
Ҳамчу модар меҳрубонӣ ту ба мо,
Дар канорат, дар канорат зиндаам.
Мурғи илҳомам кунад парвозҳо,
Ман ба шеъри обдорат зиндаам.
Ташнагиро бишканам дар кӯҳсор,
Ман ба шеъри обдорат зиндаам.
Тоҷикистон маскани аҷдоди ман,
Бо ҳама мардони корат зиндаам.
Нангу номуси Ватан бар дӯши мо,
Бо ҳамин халқи баорат зиндаам.
Шукри озодию истиқлоли ту,
Ман ба Вахшу бо Ҳисорат зиндаам,
Суғду Хатлонат маро пайванди ҷон,
Ман ба Рашти номдорат зиндаам.
Бо Бадахшон фахр дорам бештар,
Ман ба кӯҳу кӯҳсорат зиндаам.
Месароям ман суруди ишқи ту,
Бо навоҳои ҳазорат зиндаам.

## ТУРО БИХОНАМУ ХОНАМ

Ту шамъи базми ману рӯзгори ман ҳастӣ,
Ту шодии ману навбаҳори ман ҳастӣ
Ту он қарори дили беқарори ман ҳастӣ,
Парии ишқи ману ғамгусори ман ҳастӣ.
Хушам зи бахт, ки ту дар канори ман ҳастӣ

Гули баҳори манӣ, ёри ғамгусори манӣ
Ба вақти субҳу ба шом интизори манӣ.
Гули садбарги таре ба лолазори манӣ
Чу оби соф равоне ба ҷӯйбори манӣ,
Ба саҳни боғ ба чаҳ-чаҳ ту чун ҳазори ман ҳастӣ.

Ту он маҳӣ, ки дурахшон дар осмони манӣ,
Нишаста рӯзу шабоне дар осмони манӣ.
Туро ҳамеша бихоҳам, ки ҷону ҷони манӣ,
Ту ҳамдами манию чи роздони манӣ,
Ту сарбаланд ҳамеша чу кӯҳсори ман ҳастӣ.

Биё ,биё, ки ба ту ман тарона мегӯям,
Зи ишқи Лайлию Маҷнун фасона мегӯям.
Биё, суруди дилам бо чағона мегӯям.
Биё , ки ман сухани шоирона мегӯям,
Ба ин садо ки ту дорӣ, обшори ман ҳастӣ.

Кунам дуои ту то ин ки дар амон бошӣ,
Шукуфта ғунчае дар саҳни бӯстон бошӣ.
Набинӣ олами пирӣ ҳама ҷавон бошӣ,
Чу гул шукуфтаю дур аз дами хазон бошӣ,
Ту шаъну шони ману эътибори ман ҳастӣ.

Зи хаҷри рӯйи туаш дил ба доғ Шарифӣ,
Туро биҷӯяду андар суроғ Шарифӣ ,
Ба саҳни гулшану ҳам сӯйи боғ Шарифӣ ,
Сияҳҷомае монанди зоғ Шарифӣ ,
Ту аввалину ҳам охирин нигори ман ҳастӣ.

## МЕСӮЗАМ АЗ ҶАФОИ ТУ

Хун мехӯрам зи васли бутон дам намезанам,
Фарёду шеване ба ду олам намезанам.

Бас ҷабрҳо бидидам аз ҳамгинони хеш,
Бори гуноҳи хеш ба одам намезанам.

Бисёр, ғам бидидаам дар зери нӯҳ фалак,
Таблу сурур дар шаби мотам намезанам.

Дасти сахо ҳамеша кушоям ба нотавон,
Дар кори хайр лоф ба Ҳотам намезанам.

Ҳар қавмро ба даҳр Худо халқ кардааст,
Дар рӯи даҳр ҳеҷ касе кам намезанам.

Месӯзам аз ҷафои бутон рӯзу шаб, вале,
Аз ҳоли хеш назди касе дам намезанам.

Аслу насаб марост зи авлоди орифон,
Дар пеши нокасон сари худ хам намезанам.

## ВАТАН

Ту давои дарди мой, эй Ватан
Аз ту кай бошад ҷудой, эй Ватан

Ҳамчу модар мушфиқию меҳрубон,
Баҳри мо ту раҳнамой, эй Ватан.

Ҷон диҳам дар ҳифзи истиқлоли ту,
Кай кунам ман худнамой, эй Ватан

Кай шавам ранҷур андар доманат,
Баҳри ранҷурон шифой, эй Ватан.

Тоҷикистон, кишвари сарсабзи ман,
Ваҳ чӣ хушбоду ҳавой , эй Ватан

Мо тавону зӯр аз ту ёфтем,
Пуштибони бенавой, эй Ватан.

Мешавам шармандаи рӯйи ҷаҳон
Гар бигирам бевафой, эй Ватан

## ҲАДИСИ ИШҚ

Нигоҳам аз нигоҳи ту гурезад,
Ҳама оҳам зи оҳи ту бихезад,
Ба роҳи рафтаи ту интизорам,
Ки шояд гарде аз роҳи ту хезад,

Ту шаҳбайти баҳорӣ, духти Ғорон,
Маро ёру нигорӣ, духти Ғорон.
Чунонам меҳри ту дар дил нишаста,
Маро дилбанду ёрӣ, духти Ғорон

Туро аз кӯҳи Ғорон ёфтам ман,
Шукуфта барги торон ёфтам ман.
Гирифта бӯса аз лабҳои нозук,
Ба зери резаборон ёфтам ман.

Ниёзи ман, ниёзи ман туӣ ту,
Ҳама сӯзу гудози ман тӣ ту.
Ба ман афсонае аз ишқ гуфтӣ,
Ҳама афсонасози ман туӣ ту.

Бимирам, дар қадамҳоят бимирам,
Ба он нозу адоҳоят бимирам.
Ту шаҳбайти сурудам, духти Ғорон,
Ба ҳар тарзи нигаҳҳоят бимирам.

Шудам бо боли дил парвози ишқат,
Манам шаҳбози ту, шаҳбози ишқат,
Ба рақс ояд дили шайдоии ман,
Гаҳе ки бишнавам ман сози ишқат.

Ҷамолатро мунаввар дидаам ман,
Туро чун моҳи анвар дидаам ман.
Ду рухсори ту равшан дар шабистон,
Туро боло зи ахтар дидаам ман.

Бихондам, байти абруят бихондам,
Ҳазорон қисса бар мӯят бихондам,
Хиҷил шуд аз рухи ту моҳи гардун,
Чӣ хуш гуфтам, ки маҳрӯят бихондам.

Биё, ҷонанаам, ҷону дили ман,
Биё, эй моҳи ман, бар манзили ман,
Биёву сардии дайро бадар кун
Биё ки гарм гардад маҳфили ман,

Аё, эй ёри ҷонон, шод бошӣ
Аё, эй моҳи тобон, шод бошӣ,
Дуо гӯям ба даргоҳи Худованд,
Аё, сархели хубон шод бошӣ.

Зиҳӣ , эй дилбарӣ якдонаи ман,
Манам шамъу туӣ парвонаи ман.
Шабонгаҳ интизори ту нишастам,
Ки оӣ шоядам кошонаи ман.

Баҳор омад, гули наврӯзам омад,
Саҳаргаҳ дилбари дилсӯзам омад,
Матои ишқро дарбеҳ ниҳодан
Ба болинам ҳамон гулдӯзам омад.

## АЗ БАДАХШОН ОМАДЕМ

Аз баландиҳо ба поён омадем,
Аз миёни кӯҳсорон омадем,

Бо навои чангу тори дилпазир,
Аз Вахону ҳам зи Ғорон омадем,

Омадему дидани дидори дӯст,
Аз Бадахшон, то Бадахшон омадем.

Аз бари он чашмаҳои оби соф,
Бо навои обшорон омадем,

Бозбинӣ чеҳраи пурнури дӯст,
Бо паёми дӯстдорон омадем,

Савти «Даргилику», «Лайлиак» шунав,
Бо суруди чашмасорон омадем,

Ҷашн дорем, иди истиқлоли хеш,
Мо ба тӯйи Тоҷикистон омадем,

Зодаи кӯҳему –кӯҳистонием,
Аз диёри ганҷдорон омадем,

Парчами мо бод доим парфишон,
Ҷашнро мо шеъргӯён омадем.

Васфи майҳан гӯ, Шарифӣ бо ғазал,
Бо дили шодон ғазалхон омадем.

## САВТУ СУРУДИ ЁРОН

Гулҳо бигашта хандон андар чаман биёед,
Баҳри висоли нози гулпираҳан биёед.

Райҳон шукуфта дар боғ, лола бигашта пурдоғ,
Аз баҳри дилхушиҳо сӯи суман биёед.

Боғу баҳори маро булбул бидиду хуш хонд,
Дар мавсими баҳорон, андар Хутан биёед.

Монанди оби дарё андар шитоб умр аст,
Эй рафтагони ин мулк сӯи Ватан биёбед,

Ҷуз меҳри Тоҷикистон, ишқе ба дил нағунҷад,
Гар шодмона ҷӯед андар меҳан биёед.

Имсол Тоҷикистон, ҷашну сурур дорад,
Дар базму шодии мо ғулғулфикан биёед,

Дар базми гул нишинед, андӯҳ зи дил бароред,
Шодӣ кунед бо ҳам, эй марду зан биёед.

Бар гӯш мерасад хуш, савту суруди ёрон,
Дар базму шодии мо танбур зан биёед.

## ТУРО ЁД МЕКУНАМ

Дар базми гул нишаста, туро ёд мекунам,
Бо шодии гузашта дилам шод мекунам.

Аз гӯрамаргии ҷавонон фиғон кунон,
Андар мазор рафтаю фарёд мекунам.

Дар Бесутун чун об ба ҷӯям равон нагашт,
Ба фарқи хеш теша чу Фарҳод мекунам.

Андар чаман гуле чу бубинам шукуфтарӯ,
Ёде зи қадду қомати шамшод мекунам,

Умри азизи хеш ба ғафлат бикарда сарф,
Худ донаҳои хирмани дил бод мекунам.

Дар рӯи саҳфаҳо бикашам хатти рӯзгор,
Шеъру таронаю ғазал эҷод мекунам.

Аз ҳар канора моҳрӯхон ишва мекунанд.
Ҷонро фидои зулфи паризод мекунам.

Гӯям туро насҳате бишнав амал бикун
Ин пандҳо барои ту иршод мекунам,

Ҷабру ҷафо бас аст, ба мо сангдил мабош,
Пеши фалак бирафта зи ту дод мекунам.

Сарсабз кун маро, ки туйӣ пораи дилам,
Фахрам ба туст, фахр ба авлод мекунам

Бечора ин Шарифӣ бисӯзад зи ишқи ту,
Ин байтҳои хеш қаламдод мекунам.

## РУБОИЁТ

Ман мераваму ситораҳо мемонанд,
Дар рӯи самои пурҷило мемонанд.
Баъди сари мо тамоми рӯду дарё
Пурвалвала, пуршӯру садо мемонанд.

Эй рӯд, ту нолаи маро нола бикун,
Хушнағмагарӣ зи резиши жола бикун.
Ҳаргиз ту мабар зи ёд ин нолаи ман,
Ту нола зи марги ман ба ҳарсола бикун.

Дил дар барии ман зи васли ҷонон нолад.
Монандаи абр дар биёбон ноланд.
Булбул ба хазон зи ҳаҷри гул мегиряд,
Дар сина дилам чу булбулон менолад.

Он дам ки бирафт аз ҷаҳон устодам,
Ғамгин шудаю зи марги ӯ ношодам,
Дар пеши фалак ҳазор бор нола кунам,
Кай бишнида гӯши фалак фарёдам.

Ман роҳи дигар намеравам, эй ҳамшин,
Он раҳ ки маро нишон бидода Ширин.
Ин панд бидод баҳри ман устодам,
Ҳаргиз ту дар ин саро набошӣ худбин.

## ТО БУВАД

Ҷони худро ҳифз кардам, ҷон ба ҷонон медиҳам,
То бувад дар хони ман нон, баҳри меҳмон медиҳам.

Дар баҳои бӯса аз ман ҳар чӣ мехоҳӣ бихоҳ,
Гар нахоҳӣ симу зар баҳри ту ман ҷон медиҳам.

Дидаам хубони оламро басе санҷидаам,
Меҳри дилро ҳадяе бар духти Ғорон медиҳам.

Ҳамчу сарбозеситода баҳри ҳифзи кишварам,
Ҷони худро дар дифои Тоҷикистон медиҳам.

Ташналабро мекунам сероби оби рӯди Панҷ,
Ҷомро пур карда з-оби чашмасорон медиҳам.

Дӯстиро месароям ин шиори ман бувад,
Меҳри дилро аз барои дӯстдорон медиҳам.

## МЕҲРИ ВАТАН

Хуш бувад, ин ҷо ҳавои кӯҳсорон дигар аст,
Нағмаҳои бод дигар, обшорон дигар аст,
Сабзаҳо аз хок мерӯянд ба сад ишваҳо,
Ҷилваҳои сабзаҳо сабзазорон дигар аст.
Чашмаҳои синаи кӯҳ мисли шири модарон,
Оби дарё дигару аз чашмасорон дигар аст.
Булбулон дар шохсорон нағмапардозӣ кунанд,
Савти мурғони хушҳилҳону ҳазорон дигар аст,
Фаслҳои сол ин ҷо гуна-гуна бигзаранд,
Бо тароватҳои худ фасли баҳорон дигар аст,
Ҳар баҳоре гул ки мерӯяд ба ин дашту даман,
Сайр кардан дар канори лолазорон дигар аст.
Абрҳо аз дида мерезанд борони сахо,
Дар миён кӯҳсорон резаборон дигар аст.
Меҳр дорам ман бар ҳар як деҳи кӯҳистони худ,
Лек андар синаи ман меҳри Ғорон дигар аст.
Гуларӯсонро зи хона дилнавозон мебаранд
Хуш бувад савту суруди «Ёр-ёрон» дигар аст,
Баҳри кӯҳистониён меҳри Ватан болотар аст,
Дӯстдорӣ дигар асту дӯстдорон дигар аст.
Рӯдҳо бо сад хурӯш аз кӯҳсорон мераванд,
Нағмаҳои дилфиребу обшорон дигар аст,
Шеър мегӯяд Шарифӣ доимо бо савти кӯҳ,
Мисраи рангини ӯ дар кӯҳсорон дигар аст.

## САВТУ НАВОИ ДИЛКАШ

Бас нуктаҳои нохуш аз нокасон шунидем,
Таъну маломати беш аз дигарон шунидем

Ҳар кӯрдил чӣ донад шеъру таронаи мо,
Мо ҳикмати замонро аз бобагон шунидем,

Дар ҷону дил бигирем панду насиҳати кас,
Андарзҳои беше аз оқилон шунидем,

Андар чаман сарояд булбул таронаи хуш,
Савту навои дилкаш аз булбулон шунидем,

Мо рози дил бигӯем бо он ки ҳамдили мост,
Ҳарфи хуше дар олам аз дӯстон шундем.

## РУБОИҲОИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз биё, ки дилакам шод шавад,
Мурғи дили ман аз қафас озод шавад.
Наврӯз биё, ки шодмонӣ бо туст,
Ғамҳои ҷаҳон ба хоку барбод шавад.

Хушдил шудаем аз он ки Наврӯз расид.
Як иди саиду рӯзи фирӯз расид.
Бар хушдилиам шодии нав зам гардид
Зеро ки ба пешам ёри дилсӯз расид.

Ин ҳадяи наврӯзии ман они ту бод,
Ҷони дили ман ҳама ба фармони ту бод.
Гӯям ба ту ин дуои наврӯзии худ,
Пурнеъмату пурфайз ҳаме хони ту бод.

Наврӯз расад басе дуоят гӯям,
Васфи ту кунам, басе саноят гӯям,
Гӯям ғазали ишқи туро дар Наврӯз,
Ҳам меҳру муҳаббату вафоят гӯям.

Эй бод, биё, бубар ту пайғоми маро,
Дар к ӯчаи Ғорон диломи маро,
Гӯ муждаи нав ба иди Наврӯз варо,
Оне ки бибурда сабру ороми маро,

Бар кардаву нокарда дилам месӯзад.
Бар одами бепарда дилам месӯзад,
Бар ҳоли тамоми бенавоён гирям,
Бар мардуми дилмурда дилам месӯзад.

Он дилбари ман зи кӯҳи Ғорон омад.
Бишкуфта ҳаме чун гули торон омад,
Омад бари манн, бидод ин муждаи нек,
Бархез, ки Наврӯзи баҳорон омад.

## МУҲАББАТИ ДИЁР

Диёри ман диёри бостон аст,
Нишони бостони ориён аст.

Дару дарвозаи Дарвоз боз аст,
Ва ҳар як фарди он меҳмонавоз аст.

Ниёзу нози мо Ванҷ аст пурганҷ,
Фаровон ганҷи ӯ аз заҳмату ранҷ.

Дилафрӯзист худ фазли баимон,
Диёри нағмапардоз аст Рӯшон.

Ва Шуғнон зодгоҳи ориён аст,
Диёри бостони тоҷикрн аст.

Ҳунар аз Шаҳдарой шоҳона хезад,
Зи хокаш шоире мардона хезад.

Ба дарде оби Ишкошим даво шуд,
Варо шӯҳрат зи лаълаш то само шуд.

Гирифта ҷой андар пояи Меҳр,
Зи Мурғоб асл буда номи Помир.

Шуда Хоруғ макони илму ирфон,
Ва ҳам оинаи рӯҳи Бадахшон.

Диёрам, кишвари овозадорам,
Ту нури чашму андар тан мадорам.

## БУНЁДИ ВАҲДАТ

Аё, эй мардуми покизабунёд,
Шумо ваҳдатсаро, ҳам ваҳдатэҷод.
Дили поку ду дасти поку номе,
Бинои ҳастие аз пок бунёд.

Ҳазорон шукри ҳақ, ки дар амонем,
Зи Мавлонои Румӣ мо бихонем:
«Биё то қадри якдигар бидонем,
Ки то ногаҳ зи якдигар намонем».

Ҳама бунёди мо бунёди Ваҳдат,
Мароми мо ҳама сулҳу саодат.
Ниҳоди мо ҳамон оби зулолест,
Ки саҳни осмон бидҳад шаҳодат.

Зиҳӣ меъмори сулҳу Тоҷикистон,
Бинои давлати нав карда бунён.
Аз ин ақлу амал, з-ин роҳу тадбир,
Шуда фархунда рӯҳи Оли Сомон.

## ДОМАНГИР

Ман қалам гираму дар дафтари худ бинвисам,
Бевафоии туро, эй маҳи Шуғнонии ман.
Сари шаб то ба саҳар дар ғами ту менолам,
Кай расад бори дигар ойӣ ту меҳмонии ман.

Ба ту аз меҳру вафо боз сухан мегӯям,
Чида гулдаста ба пою қадамат мерезам.
Гар наоӣ ту ба болину напурсӣ ҳолам,
Хосу хошоки ҷаҳонро ба сарам мебезам.

Ба мани сӯхта як шуълаи рухсори ту бас,
З-он ки ман ошиқи рӯи туам, эй ёри азиз.
Дар ду олам набувад ғайри ту ғамхор ба ман,
Ғайри ту нест маро ёри вафодори азиз.

Оҳ, сад оҳ, ки дурам зи барат, эй дилбар,
Сари шаб то ба саҳар аз ғами ту менолам.
Кай расад боз ба ҳам рози дили худ гӯям,
Номи некат ба забон мебараму меболам.

Гар бимирам ба забон номи накӯят мирам,
З-он ки пайванди дилам будию пайванди гилам,
Ёд кун аз мани дилхаста, даме ёд бикун,
Гӯ, ба рӯи ҳама олам, бувад ӯ банди дилам.

Гар биёӣ бар сари турбати ман пас аз марг,
Кафану турбати ман аз ту бувад домангир.
Сар барорам зи лаҳад рост ба рӯят гӯям,
Дур шав аз бари ман домани дигар кас гир!

## ТАҚДИРИ МО

Чист ёрон ин ҳама тадбири мо,
Зиндагонӣ чист дар тақдири мо?

Боғи умри мо чӣ гулҳо парварад,
Бигзарад ҳар чиз аз тасвири мо.

Ин ғизолон дар бари кӯҳ хушхиром,
Мепарад кӯҳе ба кӯҳ нахчири мо.

Дар баҳорон бӯйи ҳар як гул хуш аст,
Аз ҳама волотарак мағҷири мо.

Меваҳо аз боғҳо бас хӯрдаем,
Меваe беҳ нест аз анҷири мо.

Роҳгум дар кӯчабозори худем
Дастгирӣ мо бишав, эй пири мо.

Чанд месӯзӣ ту моро, эй санам,
Кун ҳазар аз нолаи шабгири мо.

## ЯК ДАМ БИЁ

Ҳай доманафшон меравӣ, эй гул ба домони замин,
Аз рафтанат сарсабз шуд ин боғу бӯстони замин.

Ҷон медиҳам дар ишқи ту, хун мехӯрам аз рашки ту,
Монанди гул бишкуфтаӣ рӯи гулистони замин.

Як дам биё биншин барам, савдот дар дил мебарам,
Хуш мехиромӣ, эй нигор ҳамчун ғизолони замин.

Имрӯзу фардо бигзарад, ин шӯру ғавғо бигзарад,
Ин дам ғанимат мешумар, ҳастем меҳмони замин.

Як рӯз мо ҳам меравем, аз рӯйи дунё бигзарем,
Ҷони ману ту мешавад пайванд бо ҷони замин.

Эй ҷони ман, ҷонони ман, эй дарду эй дармони ман,
Эй кош, бошӣ доимо хурсанду хандони замин.

Ишқат маро девона кард, аз хеш ҳам бегона кард,
Ҷавлонгаҳат бошад, санам, ин саҳну майдони замин.

## БИГӮ ПАЙҒОМАМ

Ай кабӯтар, ту ба он ёр бигӯ пайғомам,
Ки ба он ҳалқаи зулфони ту ман дар домам.

Ту ҳамонӣ, ки ба коми дигарон шаҳди ту буд,
Мани бечора зи ту дур, вале бадномам.

Дурии васли кардаст моро хуки ҷигар,
Бурдаӣ аз дили ман сабру ҳама оромам.

Майи васли ту маро сархушу сармаст накард,
Зуд о дар бараму рез мае бар ҷомам.

Рафтию баъди ту дар синаи ман ишқ бимурд,
Бин, сари раъша бувад ҷумлагии андомам.

Ошиқон дар бари маъшуқаи худ ноз кунанд,
Мани бечора пайи ишқи тую нокомам.

Бол афшонда биё бар чамани манзили ман,
Чун кабӯтар бинишин лаҳзаяке бар бомам.

Ваҳ, чӣ бемеҳру вафо будаӣ ту, донистам,
Магар аз лавҳи дили хеш бишустӣ номам

Шуд Шарифӣ зи ғамат зору ҳақиру хаста.
Худ надонам чӣ шавад ҳоли ману фарҷомам.

## ЭЙ ЛОЛАИ КӮҲИСТОН

***(****Барои бонуи хушсалиқа Лола Назархудоева)*

Хушрангию хушбӯӣ,
Дилдодаю дилҷӯӣ,
Гӯям, ки ту маҳрӯӣ,
Эй лолаи кӯҳистон,

Бишкуфтаю хандонӣ,
Бар дард ту дармонӣ,
Пайдоиву пинҳонӣ,
Эй лолаи кӯҳистон.

Дар дашту даман рӯйӣ,
Оваҳ ту чи хушрӯӣ,
Миноиву минӯӣ,
Эй лолаи кӯҳистон.

Зебандаи кӯҳсорӣ,
Ту ҳокими гулзорӣ,
Ту дилбару дилдорӣ.
Эй лолаи кӯҳистон.

Дар дашт ба ҷавлонӣ,
Ту лолаи армонӣ,
Равшангари бӯстонӣ,
Эй лолаи кӯҳистон.

## АТРИ ГУЛБОДИ ДИГАР

*(Муҳаммас бар ғазали устод Ширин Бунёд)*

Мурасад аз синаҳо имрӯз фарёди дигар,
Мурғи рӯҳам мекунад парвози озоди дигар,
Боз шоир хома меронад ба эҷоди дигар,
«Аз баҳори рафта нояд атрии гулбоди дигар,
Мерасад аз нав баҳори ҳуснободи дигар»

Чун ба ҷони ман расида гоҳ нешу гоҳ нӯш,
Рӯҳи ман сармаст шуд аз ишқ, омад дар хурӯш,
Оташи ишқат биёвардаст дилҳоро ба ҷӯш
«Гуларӯсони ману ту аз чаман рафтанд дӯш,
Ояд аз он кӯча ҳоло ишқи фарёди дигар»

Қатра-қатра ҷамъ гашта ҳамчу дарё мешавем,
Бо ҳамин ҳусну малоҳат зеби дунё мешавем.
«Дар шукӯҳи гулбаҳоре боз эҳё мешавем,
Чун аз ин пастӣ раҳида рӯ ба боло мешавем,
Гар биёяд баъди мо Ширину Фарҳоди дигар»

Гар касе бад кард, вазнинбор бори худ кунад,
Марди оқил ҳиммати мардӣ шиори худ кунад,
Булбули сармаст гулро дар канори худ кунад,
«Ишқ агар аз синаҳо тарки диёри худ кунад,
Навхате дар ошиқӣ месозад эҷоди дигар!»

## ДИЛДОДАИ ШЕЪР

*( Ба устод Лаълҷубаи Мирзоҳасан)*

Туӣ, ай зодаи кӯҳ, зодаи шеър,
Туӣ ошиқ, туӣ дилдодаи шеър.

Саройӣ васфи меҳанро шабу рӯз
Аё шоир , аё озодаи шеър.

Зи килкат сафҳаҳо рангин бигашта,
Саропоят шуда олудаи шеър.

Сарафрозӣ мисоли кӯҳи Помир,
Кадам монӣ ту андар ҷодаи шеър.

Мисоли Панҷи пуртуғён хурӯшӣ,
Ту сармастӣ зи ҷому бодаи шеър.

Зи шеъри ту маро илҳом беш аст,
Ба қалби хеш ту бинҳодаӣ шеър.

Сари шаб то саҳар бедор бошӣ,
Ту мардӣ, мардӣ, мардӣ зодаи шеър.

Ба дилҳо шеъри ту маскан гирифта,
Бигӯӣ роз бо гулзодаи шеър.

Чу барфи қуллаҳо мӯят сафед аст,
Ту дар мулки сухан шаҳзодаи шеър.

Зиҳӣ шоир, зиҳӣ дар олами шеър,
Басо нӯшидаӣ ғамбодаи шеър.

## МУАЛЛИМ

Зебандаи ҳар номаву ашъор муаллим,
Дар рӯйи ҷаҳон аз ҳама пуркор муаллим.

То баҳра зи дониш бубарад тифли дабистон,
То қуллаи мақсуд варо ёр муаллим.

Тифлони дабистон ҳама пайванд ба ҷонаш.
Монандаи падар мӯнису ғамхор муаллим.

Равшангари роҳи ману мо ҳаст, яқин ӯ
Монанди маҳтоби шаби тор муаллим.

Аз ҷон бидиҳад баҳраи дониш ба ҳама кас,
Донандаи ҳар илму ҳар асрор муаллим.

Аз мақдами ӯ гул бикунад боғи дабистон,
Дар гулшани мо як гули бехор муаллим.

Аҳсант бигӯянд ҳамаи халқ барояш,
Бар ҷумла мукофот сазовор муаллим.

Ӯ ҳамчу дарахтеву самар мо ҳама, моем,
Дар рӯи замин шохаи пурбор муаллим.

Пандаш шаби моро чу чароғест пуранвор,
Бар хурду калон, бар ҳама кас ёр муаллим.

То ҳаст ҷаҳон, ӯ ҳама ҷо садрнишин аст,
Болотари ҳар қуллаи кӯҳсор муаллим.

## ЁФТАМ

Дил бидодам, дил рабудам, боз дилбар ёфтам,
Хештанро ҳамрадифи моҳу ахтар ёфтам.

Дилситони ин замон оини виҷдони ман аст,
Дилситонеро ба худ як дам баробар ёфтам.

Киштии умрам ба соҳил мерасад як субҳдам,
Бахтро ман дар ҷаҳон бе молу бе зар ёфтам.

Нест дар дунё бузурге ғайри меҳри модарӣ,
Меҳр дар чашму дилам аз меҳри модар ёфтам.

Гармии дил ёфтам аз гармии дидори дӯст,
Равшанӣ бар дидаам аз нури Ховар ёфтам.

## МУХАММАС БАР ҒАЗАЛИ ҲАЙРАТ ШАНБЕЗОДА

Ман дар бари ин кӯҳ ба суҷудам, ки бахайр аст,
Меҳри ту фитода ба вуҷудам, ки ба хайр аст,
Бар маҳваши худ хонда сурудам, ки ба хайр аст,
«Ман дар пайи ин буду набудам, ки ба хайр аст.
Донандаи асрори вуҷудам, ки ба хайр аст».

Дил бурда зи ман субҳгаҳон боз нигоре,
Ҳоло ба дилам нест на сабреву қароре,
Бо ёди ту саргашта шудам ман ба диёре.
«Ту тоири гумкарда пару бол баҳоре,
Раҳзан шуда боли ту рабудам, ки ба хайр аст».

Дар боғи дилам ҳеҷ дигар ғайри ту гул нест,
Хушнағматар аз сози ту овози дуҳул нест,
Моро ки ба сарманзили ту роҳи қабулест,
«Ин боғи пур аз сабза чарогоҳи муғул нест,
Девори ҳамин боғи кабудам, ки ба хайр аст».

Ин нуктаи хушранг, навиштам, зи китоб аст,
Ин нолаи ҷонсӯзу дилангези рубоб аст,
Аз ҳаҷри ман сӯхтаам, сина кабоб аст,
«Дар шеъри дарӣ ҳиммати мардона савоб аст,
Қабре на дар ин пушта фузудам, ки ба хайр аст».

Дорам ба лабам хандаю дар сина дусад оҳ,
Аз дард кунам нола саҳар то дам бегоҳ,
Ғайри ту набошад касе аз дарди ман огоҳ,
«Бо синаи гарму дили нарму сари худхоҳ,
Ҳар бешаи сабзи ту сутудам, ки ба хайр аст».

Шодам, ки ту ҷо дар дили девона гирифтӣ,
Чун шамъ ба кафҳо пари парвона гирифтӣ.
Имшаб, ки раҳи манзили бегона гирифтӣ,
«Ғайр аз ту , ки дар бурҷи дилам хона гирифтӣ,
Дарвоза ба кас ман накушудам, ки ба хайр аст».

Мурғи дили ман гашта бар ин кӯҳ ба парвоз,
Чун кӯҳ ба кӯҳ меравад андар пайи шаҳноз.
Боре ба Шарифӣ нигаҳе кун, маҳи танноз,
«Ҷуз кӯҳи Бадахшонаму сарчашмаи Дарвоз,
Бар кас набар Ҳайрат ту суҷудам, ки ба хайр аст».

## ЁДИ ТУ

Бар нишаста дар лаби ҷӯ рӯи санг,
Бо хаёли хеш сӯҳбат доштам.
Ёдам омад лаҳзаи ширини умр,
Соате бо ту фароғат доштам.

Ёд дорам гӯшаҳои сабзи деҳ,
Буд ҷои вохӯрии ман ва ту.
Ҷони ман, дар хандаи лаъли лабат
Ғунчаи ишқам намудам ҷустуҷӯ.

Чун бидидам рӯи ту пеши назар
Олами ишқу ҷавонӣ шуд падид.
Бо ҳама ҳусну малоҳат, ҷонакам,
Дар дилам андохтӣ нури умед.

Эй, туӣ имрӯз илоҳи дилам,
Мекунам васфи ту аз номи дилам.
То ҷаҳон ҳасту ману ту зиндаем,
Шаҳди худро рез бар ҷоми дилам.

## ШЕЪРИ МАН

Шеър мегӯям ба савти кӯҳсор,
Пок мисли оби сарди чашмаҳо,
Ояд аз ҳар мисраи навзоди ман,
Рангу бӯй сабзаҳои ҷӯйбор.

Шохае дар дасти ман чун хома аст,
Баргҳо чун сафҳаи дафтар бувад.
Тахтасанги кӯҳ бошад мизи ман,
Рӯди кӯҳӣ худ ҳикоятгар бувад.

Менавозад гӯши дилро то саҳар,
Нағмаи амвоҷ аз дарёи деҳ.
Ҷӯр гашта бо ҳавои қалби ман,
Паҳн мегарданд дар болои деҳ.

Мисраи сабзам чу ранги навбаҳор,
Бӯйи чукрӣ , бӯи торон мекунад,
Гарм ҳамчун Гармчашма шеъри ман,
Бӯий оби чашмасорон мекунад.

## МАРАВ

Эй офтоби бахт, куҷо меравӣ? Марав!
Эй барг, з-ин дарахт куҷо меравӣ? Марав!

Эй ошно, куҷоӣ равон, як даме нишин,
Барбастаӣ ту рахт, куҷо меравӣ? Марав!

Ман подшоҳи ишқаму бе тоҷи тахт , лек
Дорӣ ту тоҷу тахт, куҷо меравӣ? Марав!

Ман ганҷи дил ба рӯи ту бикшодаам, вале
Дил ҳамчу санг сахт куҷо меравӣ ? Марав!

## ПАРАСТУҲО

Ало, эй ёлаҳои сабзи деҳа,
Ало, эй чашмаҳои софу беғаш.
Ало, эй рӯдҳои шӯху сармаст,
Ало, эй кӯҳсори хуби дилкаш.

Нишон аз кӯдиаки хеш ҷӯям,
Ҳамон гоҳе равам бар кӯҳсорон.
Навои булбулон ояд ба гӯшам
Баҳорон аз канори чашмазорон.

Парастуҳо ба парвозанд ҳар сӯ,
Кунанд андар фазо мастию бозӣ.
Ба ёд орем даври кӯдакиро,
Ки мекардам мо ҳам «хонасозӣ»

Парастуҳо зи деҳ берун нагардед,
Зи нав бинам замони кӯдакиро.
Ва дар шаббода хонам бар шумоён,
Ғазалҳои равони Рӯдакиро.

## АФСӮС, АФСӮС

*(Манзума ба хотири неки Иброҳим Исмоилов)*

Афсӯс ки аз ҷаҳон пурармон рафтӣ,
Аз дасти замона тӯи зиндон рафтӣ.
Бо тӯҳмати ноҳақ, зи диёрат бурданд,
Чун «душмани халқ» бар мазорат бурданд.
Афсӯс ки буд чашми дунё баста ,
Бурданд ба зӯр дасти ту барбаста
Афсӯс чу гулрухон кафанпӯш шудӣ,
Бар хоки сияҳ фитода хомӯш шудӣ.
Ҳайфо ки раҳи баҳори ту охир шуд,
Дунё ба сари ту чун сияҳчодир шуд,
Афсӯси хазонии ту, эй Иброҳим
Аз марги ҷавонии ту, эй Иброҳим.
Дар гӯшаи боғ будӣ як навданиҳол,
Мехӯрда зи ҷӯи зиндагӣ оби ҳалол.
Шом омаду шом омаду шом омаду шом,
Афсӯс ки дар ҷавонӣ гаштӣ бадном.
Аз макру ҳиял замона доме андохт,
Афтод чу ту мур ғаки доно, дар дом.
Айёми навин умри наве дод ба ту,
Дарвозаи бахти тоза бикшод ба ту.
Номи ту зи нав зинда бишуд Иброҳим,
Меҳри ту бо қалбҳо бимонад доим.
Умри ту давоми умри мардум гардад,
Он киштаи ту сабз чу гандум гардад.

## ШОДАМ, КИ ЗИ НАВ ЗИНДА ШУД Ӯ

*Духтари Иброҳим Исмоилова доктори илмҳои биологӣ, Лола Исмоилов мудом аз носозгориҳои солҳои 30-юм оҳ мекашад. Оҳ мекашаду гоҳе шукр мегӯяд. Шукри онро дорад, ки ҳақиқат тантана кард ва номи падар аз нав зинда шуду умри ҷовидон ёфт.*

Нолам, нолам, ки падарам гум гашта,
Ранги рухи ман, зард чу гандум гашта.
Дар сина чӣ доғ дорам аз марги падар,
Дар мотами ӯ гиря кунам шому саҳар.
Сад оҳ кашам аз дили бирён, сад оҳ,
Зеро ки бибурданд падарро ногоҳ.
Эй воҳ, ки соли сиюҳаф шуд бадном,
Аз номварони даҳр шуд ӯ бадком .
Оҳи дигарам зи марги додар бошад,
Дар хоки сияҳ хуфта чу модар бошад.
Ман нола кунам, нола кунам шоми саҳар,
Маҳрум бишуд тифлиям аз меҳри падар.
Сад шукр бигӯям, ки ба ин даври замон,
Номи сияҳаш сафед шуд дар дилу ҷон
Шодам, шодам, ба рӯи олам шодам.
Озод барояд аз гулӯ фарёдам.
Шодам, ки зи нав зинда шудӣ, эй падарам.
ИИмрз гули лутфи ту борад ба сарам.
Шодам, ки сиёҳии замон гашт сафед,
Андар назарам ҳама ҷаҳон гашт сафед.

## ТИФЛИИ МАН НОЛА ДОРАД

*Писари Иброҳим Исмоилов Исмоил ном дошт.*
*Дар айни камолати ҷавонӣ аз дунё чашм пӯшид.*
*Носозгориҳои замон ва ғамҳои падар ришта ҳаёти*
*ӯро бармаҳал барканд. Ӯ дами вопасин низ*
*номи падарро ба забон овард.*

Замони тифлиям ношод бигзашт,
Ба сад нола ба сад фарёд бигзашт.
Ба даври кӯдакимон хор карданд,
Падарро душманон бар дор карданд.
Шабе бурданд ногоҳаш зи хона,
Ба сад макру ба сад фанду баҳона.
Бишуд тифлии ман побанди зиндон,
Миёни кӯчаҳо гардида ҳайрон.
Падарро бурд аз мо макри айём,
Ду-се номард ӯро кард бадном.
Замоне ҷустуҷӯ кардам падарро
Ба ёдаш тай намудам баҳру барро.
Аз ӯ ҷустам басе ному нишоне,
Вале номаш набуд андар забоне.
Ба ёдаш дар дили ман доғ монда,
Ту гӯӣ рӯи барфе доғ монда.
Ва ҳоло тифлии ман лола дорад.
Ба дил доғе мисоли нола дорад.
Ҷавонии падарнодидаи ман,
Ҷавонии зи ғам ранҷидаи ман.
Ҷавониям ба ёди ӯ хазон шуд,
Баҳори зиндагиям бенишон шуд.
Бибурдам ҳамраҳам ғамҳои ӯро,
Ҳазорон доғ гул карда ба дилҳо,
Ки то дигар набинам рӯи мотам,
Ба ёди ӯ бирафтам ман зи олам.

## МАРДОНИ РОҲ

*(Силсила)*
*Аз кучое мерасад овози ӯ*
*( Ба ёди падарам Шарифбек)*

Шиҳаи мастонаи аспаш ба гӯшам мерасад,
Шиҳаи мастонаи аспаш ба вақти бузкашӣ,
Аз кучое мерасад овози ӯ бар гӯши ман
Хушсадою хушадою хушнавою дилкаше.

Мардҳо дар зиндагӣ мардона гуфторанду бас,
Мардҳо дар зиндагӣ мардона рафторанду бас.
Марди майдонанд мардон дар ҳама давру замон,
Мардҳо дар зиндагӣ мардона кирдоранду бас.

Он ки марди роҳ буду зиндадил бо хеш буд,
Рафту аз худ қиссаи мардонагӣ боқӣ гузошт.
Раҳ ба раҳ манзил ба манзил хайрхоҳи халқ буд,
Қиссаи мардонагӣ бар мутрибу соқӣ гузошт.

Нолаи тору рубобаш сабт дар дил гаштааст,
Чун сурудаш бишнавам як лаҳза гирён мешавам.
Мехӯрам хунобаи дил, нола дорам дар ғамаш,
Дар ҷигар аз оташи ғам товабирён мешавам.

Даври тифлиҳо, чӣ ширин буд ҳамроҳи падар,
Ваҳ чӣ мушкил роҳ дорам чун ятими бепадар,
Раҳ ба раҳ андар хаёлам бо падар гӯям сухан,
Ҷустуҷӯяш мекунам аз пайраҳи деҳ ҳар саҳар.

Шаҳсутуни хонадонам буд он марди накӯ.
Шаҳсутун афтоду дигар кай бубардорам зи ҷо
Ҷои ӯ холӣ бишуд дар хонадонам, эй дареғ.
Во дареғо, во дареғ то, сад дареғи ғамсаро.

## УҚОБИ КӮҲИСТОН
*(Ба ёди Шояқуб Наимов)*

Он чи аз дафтари ту хондам ман
Қиссаи рӯзгори сарсонат.
Нола хезад зи дил , зи ҷони ҳазин,
Чун накарданд раҳм бар ҷонат.

Даври тифлӣ чӣ хору зор будӣ,
Дар ба дар гашта баҳри пораи нон.
Он яке мушт бар сарат мезад,
Баҳри дигар ту будӣ душмани ҷон.

Нони серӣ куҷост медонанд,
Кунҷи каҳдон барот манзил буд.
Ҳар касе дарди худ баён мекард,
Ҳама дардат наҳуфта дар дил буд.

Чун диҳӣ худ, ки беҳ нашуд ҳолат,
Кас напурсад даме зи аҳволат.
Нест дигар туро касе ҳамдам,
Раҳми кас нест бар сину солат.

Корвон омаду бадар рафтӣ,
Тарк кардӣ ту водии Ғорон.
Ғаму андӯҳи кӯдакӣ мондӣ,
Ҳамраҳи барф, ҳамраҳи борон.

Бахти ту ханда кард дар Хоруғ,
Ҳамраҳи инқилоби кӯҳистон.
Раҳнамои ту гашт Хубоншо,
Ӯ барои ту гашт марҳами ҷон.

Хати тақдири ту дигар гардид,
Гаштӣ як марди босаводу далер.
Бар зиди душманони халқ шудӣ,
Хашм бар сар туро фитод чу шер.

Гашта ту ҳамқадам ба Шотемур,
Ҳамнафас, ҳамсадо ба Иброҳим.
Ибрати рӯзгори мо гаштӣ,
Ёди ту, ёди ту ба сина муқим

Мурғи рӯҳат ҳамеша дар парвоз,
Дар фазо чун уқоби кӯҳистон.
Дар сари марқадат шукуфон аст,
Доғу ҳасрат чу лолаи армон.

## РАФТӢ

*(Ба ёди Қиматшоҳ Шоискандаров)*

Сари шаб то ба саҳар дар ёдат,
Ин дили ғамзадаам гирёнаст.
Чун бирафтӣ ту ба сарманзили дур,
Аҳли дил аз пайи ту нолон аст.

Рафтӣ ночида гули уммедат,
Пас бичинанд варо фарзандон.
Ҳар ки некӣ бикунад дар олам,
Дӯст доранд варо аз дилу ҷон.

Рафтӣ, эй булбули хушхони чаман,
Шуд суруди дили ман беоҳанг.
Ку дигар мутриби ширинангушт,
То ки пуршӯр навозад наю чанг.

Ваҳ, чӣ мероси гаронат монда,
Ёдгорӣ ба ҳама давру замон.
Санъати халқи Бадахшони маро
Кард оҳанги ту зеби даврон.

## ЁДАМ КУНЕД

*( Ба ёди Хуррам Боқиев)*

Ман ғариби рафтаам дур аз Ватан, ёдам кунед,
Булбули саргаштаам андар чаман, ёдам кунед.

Гар ба базми шод биншинед ҳамдастони дил,
Ҳамдиёрон, ҳам гудозон дар сухан ёдам кунед.

Хуфтаам дар хоки тира ин манам, Хуррам манам.
Ай азизон, дар дили хоки Ватан ёдам кунед.

Лаҳзае ман бе шумо не обу ноне хӯрдаам,
Ҳамдилон, эй ҳамдилон, эй марду зан, ёдам кунед.

Тири ноҳақ хӯрдаму гашта ҷавониам хазон,
Эй ҷавонони Аҷам, хунинкафан ёдам кунед.

Сарварон будему ноҳақ сар ба доре бурдаем,
Мурғи рӯҳам дар Ватан шуд болзан, ёдам кунед.

Во дареғо, во дареғ, умри ман серӯза буд,
Ҳам ба бедорию ҳам вақти васан ёдам кунед.

Ҳар баҳорен ҳамчу гул ҳаргиз намерӯям дигар,
Ҳам ба боғу ҳам ба гулшан, дар чаман ёдам кунед.

Зиндаам ман бо шумо дар ҳар насими субҳгоҳ,
Ҳамчу як гулгункафан андар заман ёдам кунед.

## ҲАМЕША ДАР САНО БУДИЮ РАФТӢ

*(Ба хотири неки устод Мазҳабшо Муҳаббатшоев)*

Ту марди бо сахо будию рафтӣ,
Ба моён ту раҳнамо будию рафтӣ.

Ҳамеша номи ту вирди забон аст,
Ту нури дидаҳо будию рафтӣ.

Ту будӣ роздони дарди мардум,
Ту ганҷи бебаҳо будию рафтӣ.

Зи килкат ҳарфи хуш дар сафҳа монда,
Ту зеби сафҳаҳо будию рафтӣ.

Ба ҳар ҷое ту будӣ зеби маҳфил,
Ту зеби ҷамъи мо будию рафтӣ.

Зи марги ту ҳама дилхаста гаштем,
Ту бо мо ҳамсадо будию рафтӣ.

Ба ҳар маҳфил сухан бо меҳр гуфтӣ,
Ҳамеша дар сано будию рафтӣ.

Шарифи аз ғами ту нола дорад,
Ту шамъи базми мо будю рафтӣ.

## ДОҒНОМА

*(Эҳдо ба Чоршанбе Одинаев)*

Рафтаӣ аз ҳотаи гулҳо бурун,
Аз қатори ҷумла гулҳои ҷаҳон.
Рафтаӣ, аммо намеоӣ дигар,
Зери хоки тирае гаштӣ ниҳон.

Ҷӯям аз гулҳои кӯҳистон туро,
Дар канори боғу бустон ҳар замон.
Сабзаи бишкуфта бинам дар чаман,
Ҷустуҷӯят мекунам дар бӯстон.

Рӯ ба хоки тира бинҳодӣ, дареғ,
Дар фироқат нола дорам рӯзу шаб.
Рафтию рози туам дар сина монд,
Ҳарфи ширини ту яхбаста ба лаб.

На, надорам тоқати доғи туро,
Ҳар замон бо ёди ту сӯзад дилам.
Эй падар , эй роздони дарди ман,
Бе ту акнун сард бошад манзилам.

## ХАНДАИ ОХИРИНИ ИБРОҲИМ

*(Охирин бор Иброҳим Исмоилов вақте ки душмани халқ хонда, дастгираш карданд, хандид. Чун аз ӯ пурсиданд, чаро механдӣ, чунин посух дод: «Ман ба марги худ не, ба марги наздикрасидаи шумо механдам»)*
*(Аз нақли ҳамсоланаш ва шунидаҳо)*

Хандаи охирини Иброҳим,
Буд алорағми марги хуношом.
Хандаи охирини Иброҳим,
Парчаме гашт, парчами айём.

Хандае буд, хандаи дилсӯз,
Тир шуд зидди хасму хунхорон.
Боғи ӯ дар баҳор хандон буд,
Умри ӯ дар баҳор гашт хазон.

Хандаи охирини Иброҳим,
Душманонро ҳама ба як саф кушт.
Хуни ӯ аз гулӯи номардон,
Сахт бигрифт ҳамчу дар ангушт.

Хандаи охирини Иброҳим,
Раҳнамои ҳаёти мо гардид.
Ҷовидон умр ёфт бо ханда,
Машъали рӯзгори мо гардид.

## МУНДАРИЧА


Давлати ҷовидони мо....................................................5
Нури ваҳдат ...............................................................6
Хонам санои ваҳдат .....................................................7
Тоҷикистон ..................................................................8
Ширини мо аз даҳр рафт .............................................9
Кӯҳи побарҷост истиқлоли мо ....................................10
Байти абруят ...............................................................11
Дар ин шаҳр .................................................................13
Ёри рамидаи ман ..........................................................14
Бодом гул карду ...........................................................15
Шоир.............................................................................16
Нури роғун ...................................................................17
Хазон ҳаргиз набинад ...................................................18
Мухаммас бар ғазали шамсиддин шоҳин ......................19
Пайванди қарнҳо ..........................................................20
Боду ҳаст ......................................................................21
Баҳори нур аст баҳори роғун .......................................22
Дунёи роғун ..................................................................23
Тоҷикистон ...................................................................24
Эй маҳи ғорон ..............................................................25
Чилбофт кокули ту .......................................................26
Эй маҳи дарвоз .............................................................27
То ки ҳастам… ..............................................................28
Дар ин дунё ..................................................................29
Баҳоре буд ...................................................................30
Ғам маҳӯр .....................................................................31
Ватан.............................................................................32
Туро бихонаму хонам ...................................................33

Месӯзам аз ҷафои ту ........................................................ 35
Ватан ...................................................................................... 36
Ҳадиси ишқ ............................................................................ 37
Аз Бадахшон омадем ............................................................... 39
Савту суруди ёрон ................................................................... 40
Туро ёд мекунам ..................................................................... 41
Рубоиёт .................................................................................. 42
То бувад .................................................................................. 43
Меҳри ватан ............................................................................ 44
Савту навои дилкаш ................................................................ 45
Рубоиҳои наврӯзӣ .................................................................... 46
Муҳаббати диёр ....................................................................... 47
Бунёди ваҳдат ......................................................................... 48
Домангир ................................................................................ 49
Тақдири мо .............................................................................. 50
Як дам биё ............................................................................... 51
Бигӯ пайғомам ......................................................................... 52
Эй лолаи кӯҳистон ................................................................... 53
Атри гулбоди дигар .................................................................. 54
Дилдодаи шеър ........................................................................ 55
Муаллим .................................................................................. 56
Ёфтам ...................................................................................... 57
Мухаммас бар ғазале Хайрат Шанбезода .................................. 58
Ёди ту ..................................................................................... 60
Шеъри ман ............................................................................... 61
Марав ...................................................................................... 62
Парастуҳо ................................................................................ 63
Афсӯс, афсӯс ............................................................................ 64
Шодам, ки зи нав зинда шуд ӯ .................................................. 65
Тифлии ман нола дорад ........................................................... 66
Мардони роҳ ............................................................................ 67

Уқоби кӯҳистон ........................................................68
Рафтӣ ......................................................................70
Ёдам кунед ...............................................................71
Ҳамеша дар сано будию рафтӣ ......................................72
Доғнома ....................................................................73
Хандаи охирини Иброҳим ............................................74

**КУЙБЕК ШАРИФЗОДА**

# ТАРОНАҲОИ ДАРЁ

*(шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 08.07.2014 супурда шуд.
Чопаш 10.07.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 5. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Замон СП» чоп шудааст.